**Тақризи**
**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Абдуллоева Ҳ.Ф. дар мавзӯи «Коркарди маҳсулоти функсионалии қаннодлии ордӣ бо иловаи орди донаи кадуи навъи маҳаллӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигаҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полизӣ ва ангурпарварӣ**

Абдуллоева Ҳангома Файзуддиновна соли 2006 Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси 1-49 - Технологияи нон, маҳсулоти нонию қаннодӣ ва макаронӣ хатм намуда, то соли 2021 дар мактаби таҳсилоти умумӣ ба ҳайси муаллими синфҳои ибтидоӣ фаъолият намуд. Соли 2021 ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба кор гузашта, аз ҳамон сол бо тадқиқоти илмӣ машғул шуд. Майлу рағбат ба кори илмӣ, ки аз давраи донишҷӯӣ ба Абдуллоева Ҳ.Ф. хос буд, маъсулият, қобилияти зеҳнии хуб ба ӯ имконият доданд, ки дар муддати кӯтоҳ тадқиқотро оид ба коркарди технологияи маҳсулоти қаннодии ордии дорои хосияти функсионалӣ иҷро намуда, диссертатсияи номзадиашро ба анҷом расонад.

Диссертатсияи Абдуллоева Ҳ.Ф. дар соҳаи коркарди технологияи маҳсулоти функсионалӣ иҷро шудааст. Дар замони муосир соҳаи мазкур хеле мубрам аст, зеро тарзи ғизогирӣ яке аз омилҳои мухимтарини таъмин намудани саломатӣ ва коршоямии аҳолӣ ҳисобида шуда, ғизогирии солим барои нигоҳ доштани саломатии инсон аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат яке аз ҳадафҳои муҳимтарини рушди кишвар мебошад, ки дар "Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", як қатор қонунҳо ва барномаҳо, аз қабили Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амнияти озуқаворӣ" ва "Дар бораи таъмини аҳоли бо маҳсулоти хӯрокврии ғанигардонидашуда" инъикос ёфтааст.

Дар доираи тадқиқоти гузаронида Абдуллоева Ҳ.Ф. таркиби химиявии донаи кадуи навъи маҳаллии «Иродӣ», хосиятҳои функсионалии ғизоӣ ва технологии ин ашёро муайян намуда, истифодаи онро дар технологияи маҳсулоти хӯрока асоснок намуд. Натиҷаҳои бадастомада тасдиқ карданд, ки миқдори сафедаҳо, моддаҳои минералӣ, наххои ғизоӣ, яъне моддаҳое, ки хосиятҳои функсионалии маҳсулоти хӯрокаро таъмин мекунанд, дар тухми донаи каду зиёдтар аст нисбат ба орди гандумӣ. Бинобар ин, истифодаи он дар технологияи маҳсулоти қаннодии ордӣ мувофиқи мақсад мебошад. Хосияти технологии орди донаи каду, хусусан, қобилияти нигоҳдории об ва равған, қобилияти эмулсияофарӣ, ки аз ҷониби Абдуллоева Ҳ.Ф. муайян гардиданд, соҳаи истифодабарии ин ашё ва тарзи истифодаашро муайян карданд.

Барои коркарди дастурамал ва технологияи муфиди маҳсулоти қаннодӣ бо иловаи орди донаи каду ҳаҷми зиёди таҳқиқҳо доир ба хосиятҳои органолептикӣ ва физикию химиявӣ, хусусиятҳои функсионалӣ ва ғизоӣ, бехатарии маҳсулоти коркардшудаи қаннодӣ ба иловаи орди донаи каду иҷро шуданд. Дар асоси ин натиҷаҳо дастурамал ва технологияи муфиди маҳсулоти қаннодӣ бо иловаи орди донаи каду коркард шуда, дар шароити истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ санҷида шуд ва баҳои баланд гирифт.

Дар раванди иҷрои таҷрибаҳо Ҳ.Ф.Абдуллоева назария ва амалияи як қатор усулҳои химиявӣ ва физикӣ-химиявиро, аз он ҷумла, усули рефрактометрӣ.

спектрофотометрӣ ва полярометрии муайян намудани миқдори моддаҳои табиӣ (сафедаҳо, ангиштобҳо, равганҳо), аз худ намуд. Натиҷаҳои баластамадаи таҳқиқҳои ӯ эътимоднок ва такроршаванда мебошанд.

Таҳқиқҳои аз ҷониби Абдуллоева Ҳ.Ф. гузаронидашуда дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ, зинаҳои ноҳиявӣ ва шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» апробатсия гардиданд. Таҳқиқҳои довталаб дар зинаи ноҳиявии ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» сазовори ҷойи сеюм гардид. Маърӯзаи Абдуллоева Ҳ.Ф. дар конференсияи байналмилалии «Наука XXI века: Вызовы, становление, развитие», ки дар Федератсияи Россия баргузор гардид, бо дипломи дараҷаи аввал мукофотонида шуд.

Дар асоси натиҷаҳои баластомада 13 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, 1 мақола дар маҷаллаи илмии Scorpus, 6 мақола дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шудааст.1 нахустпатент ба ихтироот, 3 санади татбиқӣ дар истеҳсолот ва раванди таълим дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст. Инчунин, як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ барои маҳсулоти коркардшуда таҳия гардидааст, ки аз ин ҳуҷҷатҳо шартҳои техникӣ барои истеҳсоли ҳалвои миллии тоҷикӣ бо иловаи орди донаи каду аз тарафи Агентии «Тоҷикстандарт» ва Санэпидстанкия ва дастурамали истеҳсолии ҳалво ва кулчақанди резонак бо иловаи орди донаи каду аз тарафи корхонаи истеҳсолӣ тасдиқ гардидаанд. Гуфтаҳои дар боло қайдшуда иҷозат медиҳанд, ки Абдуллоева Ҳ.Ф. мутахассиси ба камол расидаи илмии дорои дониши хуби назариявӣ ва малакаҳои амалӣ доир ба технологияи маҳсулоти хӯрока, усулҳои таҳлили химиявӣ ва физикию химиявии пайвастагиҳои табиӣ, химияи пайвастаҳои ғизоӣ, муҳаққиқи мақсаднок, мустақил ва эҷодкор, омӯзгори ботаҷриба ҳисобида шавад.

Аз ин лиҳоз, мешуморам, ки диссертатсияи Абдуллоева Ҳ.Ф. дар мавзӯи «Коркарди маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи орди донаи кадуи навъи маҳаллӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.18.01 – Технологияи коркард, нигаҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полизӣ ва ангурпарварӣ ба ҳама талаботи "Тартиби додани унвонҳои илмӣ"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.18.01 - Технологияи коркард, нигаҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полизӣ ва ангурпарварӣ аст.

Роҳбари илмӣ:
Н.и.х, дотсенти, и.в. профессори кафедраи химияи Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон — Икроми М.Б.
Тел.: 987-27-22-01
e-mail: darina.ikrami@mail.ru

Имзои Икроми М.Б-ро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадр ва корҳои махсуси ДТТ Бухориев Н.А.

18. 12. 2023